# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а, тел.: 221-46-05,
факс: 221-70-41; www.maorif.tj; E-mail: mort@maorif.tj


№07/49/05-118 аз «19» 02 соли 2025

Ба ректорон (директорон)-и
муассисаҳои таҳсилоти олии
касбии ҷумҳурӣ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тасмим гирифтааст 21-22 майи соли 2025 конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалиро дар мавзуи «Самтҳои такмили назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкил ва баргузор намояд.

Аз ин рӯ, олимон, омӯзгорон, докторантон ва магистрантони муассиса метавонанд мақолаҳои илмии худро ба кумитаи тадорукот пешниҳод намоянд.

Замима: мактуби иттилоотӣ дар ҳаҷми 3 варақ.

Муовини вазир Лутфия Абдулхолиқзода

Иҷрокунанда: раёсати илм ва инноватсия
Ф.Раҳимзода
Тел: 227-32-59

# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 21-22-юми майи соли 2025, конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи "Самтҳои такмили назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор мегардад. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ширкатҳои соҳибкорӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор меги ранд:**

1. баҳисобгирии идоракунӣ ва системаҳои прогрессивии баҳисобгирии хароҷот;
2. мушкилоти ташаккули ҳисоботи ҷамъиятии ғайримолиявӣ ва ҳамгирошуда;
3. татбиқи ҳисобот оид ба рушди ширкатҳо ва масоили таъминоти баҳисобгирӣ- назоратии он;
4. самтҳои асосии рушди аутсорсинг, машварати муҳосибӣ ва аутстаффинг дар шароити муосир;
5. мушкилот ва таҷрибаи татбиқи СБҲМ дар Тоҷикистон;
6. самтҳои такомули баҳисобгирии молиявӣ ва андоз;
7. тадқиқоти омории падидаҳо ва равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ;
8. дурнамои рушди таҳсилоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва касби муҳосибӣ.

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то 17-уми майи соли 2025 мақолаҳои худро ба суроғаи электронии rajabov89tguk@mail.ru, ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

Забони конфронс: *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан **[2, с.42]**) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp»**, **«jpg»**, **«dwg»**, **«gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

Намуна

Марупова Нигора Шоназаровна
дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади
илмҳои иқтисодӣ
E-mail:____________________________

САМТҲОЙ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннататсия: .....

Калидвожаҳо: ...... . . . . .

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

АДАБИЁТ

1. А
2. Б
3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то 17-уми майи соли 2025 пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 19-уми майи соли 2025 фиристода мешаванд.

Раҷабзода Олимхон Ҷурахон (мутасаддӣ) Тел.: (+992 34) 234-85-44, (+992) 555552978.

E-mail: rajabov89tguk@mail.ru,

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**